**Модарони мушфик, бонувони гиромӣ ва хохарону духтарони азиз!**

Тачлили Рӯзи модар дар кишвари мо хамасола аввали фасли бахор чашн гирифта мешавад, ки рамзи нафосату поксириштӣ, зебоӣ ва мухаббату садокат нисбат ба Зан-Модар арзёбӣ мегардад.

Агар бахор арӯс ва олихаи хусни сол маънидод шавад, пас Зан-модар рамзи покӣ, озодагию назокат ва мехрубонию садокат ба хисоб меравад. Махз дар ин айём тачлили Рӯзи модар неку хучаста аст, зеро модар огозгари зиндагӣ, бахшандаи хаёт ва ибтидои нияту икдоми тоза мебошад.

Аз ин рӯ, бо эхтиром ва самимият фарорасии фасли зебои сол – бахори оламафрӯз ва чашни модаронро ба тамоми занону модарони мушфик ва бонувони мехрубони нохияамон табрик гуфта, саломативу хушбахтӣ ва хонаободиву саодати рӯзгор таманно менамоям.

Зан пеш аз хама модар, хохар, хамсар ва дӯсти наздик ба хисоб меравад. Зан зеботарин офарандаи хастии рӯи замин аст. Модар офарандаи хаёт, пайвандгари наслхо, сарчашмаи мехру мухаббат ва нерӯбахши рӯху чон мебошад. Махз ба хамин хотир мардуми точик ва умуман, ахли башар ба ин тимсоли бехамтову човидона арч мегузоранд, бузургии ӯро ситоиш менамоянд ва дар наздаш хамеша сари таъзим фуруд меоранд.

Модар ягона мавчудест, ки инсон меофарад, ба ӯ хаёт мебахшад, ӯро дар огӯши гарму пурмехри худ мепарварад, аввалин суханхо ва гузоштани нахустин кадамхоро ба тифлаш ёд медихад, фарзанди хешро бо хазор нияту орзухои нек ба воя мерасонад.

Модар шахсест, ки шабу рӯз ба хотири рохату осоиши тифлаш захмат мекашад ва намегузорад, ки фарзанди ӯ ранчу озоре бинад. Вай хамеша дар талош аст, ки фарзандаш солиму бардам ба камол расад, сохиби одобу маърифат, илму дониш ва касбу хунар гардад ва дар оянда ба чомеа хизмати шоиста намояд. Яъне дар шуури насли наврас ташаккул додани эхсоси мухаббат ба донишу маърифат, одобу ахлок, нангу номус ва ватандӯстиву захматкашӣ, кабл аз хама, хизмати модар мебошад.

Модар, дар хакикат, сазовори хама гуна кадршиносӣ, дӯстдорӣ, гамхорӣ ва эхтиром мебошад, зеро ӯ мехрубонтарин инсон барои хар як шахс ба шумор меравад.

Пешвои муаззами миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар паёмашон, ки санаи 28 декабри соли 2024 ба Мачлиси Олӣ ироа намуданд, иброз дошта буданд, ки: «**Дар фархангу тамаддуни мо - точикон, иззату эхтироми зан-модар хамеша чойгохи хос дорад. Вале бояд гуфт, ки макому манзалати занону бонувон ва накши онхо дар эъмори давлати муосир ва рушди чомеа махз дар замони сохибистиклолӣ вокеан боло рафтааст».**

Ман мехохам бо ифтихор изхор намоям, ки модарону занони нохияи Зафаробод дар катори бонувони кишвар бо рафтори нек, андешаи солим ва махорату кордонии худ дар ободиву пешрафти диёр сахми беандоза доранд. Онхо дар хамаи сохахои хаёти чомеа софдилона кору фаъолият менамоянд ва бо захмати бунёдкоронаву ташаббусхои созандаашон барои рушду нумӯи нохияамон саъю талош мекунанд.

Имрӯз дар соахои мухталиф, аз чумла дар хизмати давлатӣ даххо нафар занону бонувони нохия фаъолияти пурсамар доранд. Боиси каноатмандист, ки санаи 2 феврали соли чорӣ дар натичаи овоздихӣ дар интихоботи баргузоргардида 41 нафар бонувони нохия ба боварии мардум сазовор гардида, вакилони мачлисхои вакилони халки вилоят, нохия ва чамоат интихоб гардиданд.

Имрӯз бонувони нохия бо ташаббусхои худ собит намуданд, ки метавонанд дар чодаи

сохибкорӣ низ муваффак бошанд. Сахми занону бонувони сохибкор дар эхё намудану тараккӣ додани хунархои мардумӣ ва бо хамин рох мухайё кардани чойхои корӣ барои бонувони хонашин басо арзишманду назаррас мебошад.

Макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохия бахри хамачониба амалӣ гардидани тадбирхоеро, ки дар доираи барномахои кабулшудаи давлатӣ пешбинӣ шудаанд, чорахои мушаххасро рохандозӣ менамояд.

Итминон дорем, ки занону бонувони сохибмаърифат ва бонангу номуси нохия бо истифода аз шароиту имкониятхои мухайёкардаи Хукумати мамлакат барои пешрафти Ватани махбубамон содикона ва боз хам бештар захмат мекашанд, ба хотири тарбияи наслхои ояндасоз саъю талоши бештар мекунанд.

Бо ибрози бехтарин ниятхои нек бори дигар хамаи шумо, модарону бонувони арчманд ва хохарону фарзандони азизро ба ифтихори чашни фархундаи Рӯзи Модар табрик мегӯям.

**Идатон муборак бод модарони мехрубон, бонувони гиромӣ ва хохарони арчманд!**